# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология пешниҳод гардидааст.**

Кори диссертатсионии Кароматуллои Юсуф дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» дар шароити имрӯза актуалӣ ва таҳқиқоти саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Таҳлил, натиҷа ва мушоҳидаҳои дар диссертатсия овардашуда шиддатнокии гуногуни вайроншавии муҳити геологии минтақаро аз сабаби афзоиши босуръати корҳои истихроҷии конҳои ангишт нишон медиҳанд. Афзоиши босуръати ин корҳо тарҳрезӣ ва татбиқи таъсироти нав омӯзиши ҳамаҷониба ва муттаҳидонаи ин масоили таъхирнопазирро талаб мекунад, ки вазифаи таркибии илми геоэкологияи муосир мебошад.

Муайян намудани хусусиятҳои табдилёбии муҳити атроф ва коҳиш додани хавфҳои геологӣ масъалаи муҳимтарини геоэкологӣ арзёбӣ гардида, бо ин мақсад гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи геоэкологӣ ва таҳияи чораҳо оид ба паст намудан ва типикунонии хатарҳои табиӣ, геоэкологӣ ва техногенӣ вазифаи аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои зерин масъалагузорӣ ва баррасӣ гардидаанд, ки ҷанбаҳои илмӣ ва амалӣ доранд. Омӯзиши хусусиятҳои геоморфологии минтақаи таҳқиқотӣ, азхудкунии хусусиятҳо ва ҷанбаҳои гидрометеорологии минтақа, таҳлилҳои лабораторӣ барои ошкор намудани таркиби кимиёвии обҳои рӯизаминӣ, муайян намудани ҷанбаҳои геоэкологии минтақаи таҳқиқотӣ ҳангоми таъсирӣ техногенӣ, муайя кардани вазъи орогидрографии минтақа, тартиб додани харитаҳои инженерӣ-геоэкологӣ ва

табий, омода намудани чораҳои ҳифзкунандаи табий оид ба беҳбуд бахшидан ба фазои геоэкологии минтақаи таҳқиқотӣ.

Дарҷ гардидааст, ки мавҷудияти захираи фаровони намудҳои гуногуни ангишт дар нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор имкон медиҳад, ки минбаъд ҳаҷми истеҳсол ва коркарди саноатии он бо мақсади истеҳсоли маводи сӯзишворӣ, кимиёвӣ ва технологӣ афзун карда шавад. Конҳои ангишти минтақаи таҳқиқотӣ дар таъмини амнияти энергетикии кишвар ва берун аз он нақши муҳим ва калидӣ мебозад. Хусусан кони ангишти антратсити Назар-Айлоқ, ки аҳаммияти стратегӣ дорад, аз ҷиҳати таркиб ва сифат дар тараққиёти иқтисодии кишвар басо афзалиятнок ба шумор меравад.

Дар қисмати хулосаҳо унвонҷӯ дарҷ кардааст, ки аз ҳаҷми ангишти истихроҷшудаи корхонаҳои саноати кӯҳӣ тахминан 25-30 %-и он ҳамчун талафот ё ин, ки ба ақидаи дигар, партов ба шумор меравад. Баъди ҷорӣ намудани технологияи бепартов аз ҷиҳати иқтисодӣ фоидаи назаррасеро ба даст оварда, хароҷоти иловагие, ки аз ҷониби корхонаҳои истеҳсолӣ масраф шудаанд, барқарор намудан мумкин аст.

Дар минтақаи таҳқиқотӣ масоили мавҷудаи таъмини нерӯи сабзро бо роҳи истифодабарии ҷараёни маҷрои рӯди Зиддеҳ, ки аз обшавии барфтӯдаҳо ва пиряххо сарчашма мегиранд, татбиқ намудан мумкин аст.

Дар автореферат бо назардошти он ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқот натиҷаҳо ва дастовардҳои илмӣ ба даст оварда шудаанд, баъзе норасоиҳо ва камбудиҳои техникӣ ба назар мерасанд.

Ин камбудиҳо ба мазмун ва арзиши илмии таҳқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ба назар гирифта шаванд.

Диссертатсияи Кароматуллои Ю. дар мавзуи «Ҷанбаҳои геоэкологии таъсири истихроҷи конҳои ангишти нишебии ҷануби қаторкӯҳи Ҳисор ва арзёбии устувории минтақа» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводҳои илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

номзади илмҳои геологию минералогӣ,
Сардори Маркази миллии ҳифзи қабати озони
Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шерализода Н.

Имзои Шерализода Н.-ро тасдиқ мекунам:
Муовини сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва назорати Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Салимзода У.

Суроға: 734034, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи С. Абдуллоев 77
Тел.: (+992 37) 223-35-40
E-mail: info@tajnature.tj
«30» 05 соли 2026.